# МИЛЛАТИ С А Р С О Н У С А Р Г А Р Д О Н

Муаллиф: Ахрони Самаркандӣ
10.01.2016 09:26

... Ин кабилахо шонси таьрихиро аз даст надоданд, аз сустиву карахтии точикон истифода бурда, замину давлати точиконро аз они худ карданд. Соли 1924 80 дарсади
точикон дар худуди Ӯзбакистон ӯзбак шуданд. Машинаи пантуркизм кори худро байни мардум сар кард.
«Хар ки дар шиноснома точик нависад,
ба Точикистон
бадарга мешавад, чои кор намеёбад, аз кор ронда мешавад!». Ва
хоказохо.
Васоити ахбор ва
маорифро махдуд карданд. Дар ин корхо ба пантуркистон точикони дар курсии давлату хизбӣ
нишаста ва болшевикону рахбарони хизби коммунист, ки намехостанд точикон сар баланд намоянд, дасти кӯмак дароз менамуданд...

Баьд аз сари кудрат рафтани сулолаи Сомониён ва сарнагун шудани он аз тарафи кабилахои гуломзодаи турктабор, точикон 1000 сол натавонистанд давлатдории худро баркарор намоянд. Дар ин хазор сол точикон зери таьсири хокимони хунхори араб ва турку мугул зиндагии пурмашаккатро аз сар гузарониданд. Саъю талошхо ва кӯшишу набардхои охирин намояндагони сулолахои Сомониён, Гуриён, Сарбадорони Самарканд, Бармакиён чун Абдуллохи Калаконӣ, Восеъ ва Ахмадшохи Масъуд барои муттахид намудани миллат ва ташкили давлати худ бенатича анчомиданд. Харчанд онхо
боре чанд, барои муддате зимоми
кудратро ба даст гирифта,
хукмронӣ хам карданд, вале ин хукмронихо
дер напоид. Нахуст аз хама,
ин хукуматхо аз тарафи худи мардум хаматарафа дастгирӣ наёфтанд. Зеро дар тӯли 1000 сол мардум аз арабтозӣ, турктозӣ ва мугултозӣ, истеъмори давлат аз чониби ашрофони худӣ
дилгир шуда буданд. Дини
худро, ки хазорсолахо зери таьсири он буданд,
аз даст доданд. Сатхи шуури худогохиву худшиносиву
истиклолхохиашон нихоят паст шуд. Дар ин рукуди маънавӣ
дар радифи дигар омилхо, омили исломӣ хам
таъсиргузор буд, зеро
дар мазхаби ислом миллатро намешиносанд. Аз
аз мардум чун бипурсанд, ки : «Миллати Шумо чист?». Посух медоданд:
«Мусалмон!». Миллатро мусалмон нишон додан
хостаю сохтаи
аьроб

буд ба хотири
хифозату бакои давлати худ, салтанати хеш
ва тахмил кардани забонашон. Мардум аз рӯи кавонини шариат зиндагӣ мекарданд.
Забони Куръон арабӣ
ва бо дигар
забонхо хондани он манъ
буд. Хар
кабилае, ки хукмронӣ мекард,
хамин акидаро, миллат- мусалмониро
барои чилавгирӣ аз бедории
шуури худшиносию истиклолхохии мардуми тахчоиву бумӣ чун абзори саркӯбкунанда
истифода мебурд. Дуввум, вахшонияти аьробу турку мугул мардумро хеле
тарс дода
буд. Ин тур вахшоният,
яьне берахмона кир кардани зану кӯдак, пирамардон, комилан харобу ба вайрона табдил
додани шахрхо, сӯхтани китобхо то кунун
точиконро ба худ наовардааст. Ин хама вахшонияту дахшатафканихо
барои ишгол кардани
мамлакатхо
ва нобудии миллат таьсиргузор буданд ва холо низ чунин аст. Дар ин 1000 сол точикон
харчанд салтанату давлатро аз даст дода буданд, боз хам
тавонистанд бо забон ва фарханги гании худ,
хастии худро нигах доранд. Забони давлатӣ дар ин хукуматхо асосан порсӣ, яъне точикӣ
буд. Яъне гарчи худи точикон сари кудрат набуданд, вале забонашон хукмрону
кудратманд буд. Кӯшишхо ва талошхои зиёде
буданд барои
бархам задану ба нобудӣ кашидани
забону фарханги точикон. Ин ахвол
то охири асри 19 ва ибтидои садаи
20 идома дошт. Дар ин замон дар чахон як силсила дигаргунихои сиёсиву фархангӣ рух
доданд. Точикон дар ин даврон зери султаи паштунхо, хонхои Кӯканду Хоразм ва
Аморати Бухоро, ки вассали Русияи империёлистӣ шуда буданд,
зиндагӣ мекарданд. Ин хонигарихо аз хар нигох акибмондаю хурофотӣ буданд. Ин аст,
ки Русия бо осонӣ онхоро зери таьсири худ даровард.
Давлат зери таьсири амирони худкомаю бесавод ва диндорони шариатпараст арзи
вучуд мекард. Лихозо, наметавонист ва
намехост ислохоти сиёсиву иктисодӣ
ва фархангиро ба рох монад. Русияи империёлистӣ охиста- охиста ба хотири бакои
хукумат ва ором нигох доштани мардуми махаллӣ,
мактабу омӯзишгоххо таъсис дод. Заводу фабрикхо бунёд ниход.
Барои ин аз Руссия мутахассисон ва кормандони лаёкатмандро якчо бо хонаводаашон
оварданд.

Баьд аз чанги чахонии якум, ки дар он Русия бо Туркия дар набард буд, ба мисли дигар кишвархои Аврупо, Русия асирони туркро хамрохи тоторхову бошкирдхо ба Осиёи Марказӣ сафарбар кард. Аксарияти онхо пантуркист буда, хату савод доштанд. Дар каламрави Осиёи Миёна равшанфикрон аз ин тахаввулот хостанд пайравӣ намоянд ва мамлакати худро ба пеш баранд. Хукумати вакт онхоро чадид номид. Аксарияти чадидон, ки дар сафи он точикон низ кам набуданд, дар Туркия тахсил ёфта ва тарбия гирифта буданд. Бархе аз онхо огахона ва ё гофилона гирифтори чараёни пантуркизм шуда буданд. Бештари чадидон таьрихи миллат ва гузаштагони хешро намедонистанд ё донистан намехостанд. Онхо гумон мекарданд, ки мамлакатро пеш мебаранд. Шуури модарии миллиашон ва худшиносиашон ба туркӣ олуда шуд, зеро дар он вакт Туркия аз Эрону Афгонистон пешрафтатар буд. Ин замон, яъне дар ибтидои карни бист империяи туркхои усмонӣ пош хӯрда ва ба чои он дар каламрави Туркия пантуркистон бо сарварии Мустафо Камол Отатурк ба сари кудрат омаданд ва сиёсати пантуркистонаи хешро пеш бурданд. Ин хукумат бо Иттиходи Шӯравӣ шартномаи дӯстиву хамкорӣ баст. Ихтиёриён ва гумоштагони ин давлат бидуни хеч як навъ мамоният имкон доштанд ба Осиёи Миёна ва чамохири туркзабон омада, акидахои пантуркистии хешро таргиб намоянд. Соли 1922 Иттиходи Шӯравӣ барои таксими худуди миллӣ байни миллатхо карор кабул кард. Комиссия аз чумлаи намояндагони хамаи миллатхо, ба истисноии точикон, ташкил шуд. Вакте соли 1924 таксими марзхо огоз ёфт, Точикистон дар худуди Ӯзбакистон чун чумхурии мухтор таъсис шуд. Ин ин хам бар ивази чонбозихои С.Айнӣ, Ш.Шотемур ва дигарон ба даст омад.

Нармию сустии точикона ва турктозию турксозии пантуркистон

Саволе бармеояд, ки чаро чунин шуд, ки точикон нармию сустӣ карданд?

Барои он ки точикон хувияти милливу давлатдории худро аз даст дода буданд. Аксарияти «зиёихо»-ро ки мебоист миллатро начот диханд, точикпарастӣ кунанд, пештози миллат бошанд, диндорон ташкил медоданд. Вале онхо миллат надоштанд. Миллаташон мусалмон буд. Кӣ ба сари онхо хукмронӣ мекунад, барояшон фарке надошт. Барои онхо мухим он буд, ки «гӯр сузаду дег чӯшад». Равшанфикрон хам ба идеяхои пантуркистӣ гирифтор буданд. Дар он замон мафкурае, идеяе, чумбише ё давлате набуд, ки миллати точикро ба пой истод кунад. Чор-панч нафар фидоиён миёни ин хама сустиродагону касони бефарку бетараф наметавонистанд кореро ба анчом бирасонанд. Вале кабилахои мугултабор, яъне пантуркистхои турку тотору бошкирд ва чадидони пантуркист хуб кор карданд. Онхо тавонистанд гояхои худро ба сари мардуми авом тахмил намоянд. Онхо мегуфтанд, ин сарзамини мост, зеро точикон аз Ирон омадаанд ва хак надоранд дар ин чо давлат бисозанд. Ин кабилахо шонси таьрихиро аз

даст надоданд, аз сустиву карахтии точикон истифода бурда,  замину давлати точиконро аз они худ карданд. Соли 1924  80 дарсади  точикон дар худуди Ӯзбакистон ӯзбак шуданд. Машинаи пантуркизм кори худро байни мардум сар кард.  «Хар ки дар шиноснома точик нависад,  ба Точикистон  бадарга мешавад, чои кор намеёбад, аз кор ронда мешавад!». Ва  хоказохо.  Васоити ахбор ва  маорифро махдуд карданд. Дар ин корхо ба пантуркистон точикони дар курсии давлату хизбӣ  нишаста ва болшевикону рахбарони хизби коммунист, ки намехостанд точикон сар баланд намоянд, дасти кӯмак дароз менамуданд.  ( Инхо харос аз он  доштанд, ки агар точикон тамоми худуди точикнишинро давлати худ созанд, пас бо точикони Афгонистону Ирон муттахид  шуда, баъдан  метавонанд аз онхо  чудо шаванд). Саволе ба миён  меояд: Дар он замон босмачиён барои давлату миллат мубориза бурданд-ку?  Оре,  онхо мубориза бурданд,  вале на барои миллату давлат, балки барои дину давлату кудрат. Такрибан хамаи сардорони босмачихо аз турктаборон иборат буданд ва онхо барои хону амир ва барои худашон  мубориза бурданд. Онхо  ба нафъи точикон хеч коре  накарданд.

Гирд омадани точикон дар чумхурии тозабунёди хеш

Соли 1929 бо кӯшишу чонфидоихои Шириншо Шотемур, Садриддин Айнӣ, Абдукодир Мухиддинов ва баьзе рахбарони аз чанголи пантуркизм халосхӯрда, точикон тавонистанд чумхурии мустакили хешро бунёд нихода ва сиёсати миллии худро ба пеш баранд. Тамоми точикони бедордил ва миллатдӯст аз Самарканд, Бухоро, Хучанд, Тирмиз, дигар шахру нохияхои точикнишини Осиёи Марказӣ бо хамрохии точикони Точикистон дар дехаи Душанбе пойтахти худро бино намуданд ва гули сари сабади миллати точик дар ин шахр чамъ омад,  то пойдевори давлату миллати худро бисозад. Ба точикони берунмарзӣ имкон пайдо шуд, то  ба Душанбе рафта,  бо забони худ хонанд ва хуввияти худро андак хам бошад, нигах доранд ва ба  шахрхои худ омада,  ин гояхоро ба донишчӯён бирасонанд. Дар натича, точикони Ӯзбакистон харчанд хувийяту худшиносии миллиашон паст буд, ба хар хол битавонистанд забон ва фарханги худро нигах доранд. Аз байни точикони мукими Ӯзбакистон   шоиру нависанда, олиму мутахассисони зиёди  варзида ба  камол расиданд ва  барои миллат хидмати бузургеро анчом доданд. Гох-гохе миёни таьрихшиносону  рӯзноманигорони Точикистон бахсхо сар мезананд ва иддао мешавад, ки точикони Ӯзбакистон барои миллати худ мубориза набурданд. Даъво пеш меоранд, ки  давлати Точикистонро онхо тавассути чонфидоии хеш бунёд карданд.  Ман барояшон мегӯям: «На! Дар он замон хувийяти миллӣ ва истиклолхохии  хамаи точикон, сарфи назар  аз  дар кадом давлат зиндагӣ карданашон, бенихоят паст буд. Давлати онхо махали онхо буд, ки ин андеша то  холо дар шуури аксарияти точикон бокӣ  мондааст. Сиёсати давлати шӯравӣ  хам ин буд:  «Ба Шумо чанд адад халво диханд, ба хамин кадар хӯрдан хак доред,  на беш!».

Сиёсати ӯзбаксозӣ дар Ӯзбакистон  ва огози  бозгашти  точикон ба асли хеш пас аз

бозсозӣ

Дар Ӯзбакистон бошад панӯзбакхо тавонистанд точиконро дар баьзе махалхо аз забону фарханги худ дур созанд ва онхоро водор ба ӯзбак гуфтан намоянд. Дар доираи рохбарони пантуркисти Ӯзбакистон  як дастуре буд, ки тибки он мебоист то  соли 2000-ум тамоми точиконро аз забону фарханг дур созанд ва ба ӯзбак табдил диханд. Ин карорро як корманди КГБ , ки миллаташ точик буд,  соли 1989 ба мо гӯшрас карда буд.  Агар хамин сиёсати панӯзбакхо давом мекард, онхо ба максад мерасиданд. Лекин  соли 1986 сиёсати бозсозии М.С.Горбачёв  ба миён омад  ва давлат ошкорбаёниро мучоз донист. Точикони бедордилу равшанфикри Ӯзбакистон  аз ин фурсат истифода намуда, барои эхёи забону фарханги худ бо гузоштани 100.000 имзо аз хукумати шӯравӣ ва Ӯзбакистон  хукуки конунии миллати худро талаб карданд. Баьд аз эътирозхои сиёсиву фарҳангӣ, Хукумати Ӯзбакистон  мачбур шуд, то  дар аксарияти вилоятхои точикнишин дари синфу мактабхои точикиро боз намояд. Дар техникум, донишкадаву донишгоххо гурӯххои точикӣ таъсис, дар 4 вилоят рӯзномаи вилоятӣ ва 9 нохия рӯзномахои точикиро ташкил намояд. Радио ва телевизиони точикӣ  пахши барномахои худро  огоз карданд. Дар 5 вилоят марказхои фархангиии точикон бунёд шуд. Дар  Самарканд ташкилоти сиёсии сабтиномнашудаи точикон- «Самарканд» хукуки худро хаматарафа,  аз хукумати махаллӣ  сар карда,  то созмонхои байналмилалӣ  талаб мекард. Баьд аз гуруснанишинихоюю эътирозхо ва талабхои  сиёсии аьзои ташкилот, давлат мачбур шуд ичозат дихад, ки точикон битавонанд дар чои зист, корхонахо ва махалхо бо забони худ харф зананд, шиор ва рекламаро ба забони точикӣ нависанд. Дар нохияи Сиёби шахри Самарканд забони точикӣ расман  макоми давлатӣ гирифт.

Боз хукумат рухсат дод, то  он точиконе, ки дар шиноснома нодуруст ӯзбак навишта шудаанд,  метавонанд миллати худро точик нависанд ва бо сабку услуби точикӣ ному насабашонро номнавис кунанд. Баьд аз ин садхо хазор точикон дар шиноснома точик  навишта шуданд ва дар гувохномаашон  хам  фарзандони худро точик навиштанд. Тамоми рӯзномаву мачаллахои Точикистон дастраси мардум буд. Театр ва дастахои хунарӣ  бидуни мамонният омада, хунари худро ба мардум намоиш  медоданд  ва мардум талош мекарданд аз инхо  сабаке бигиранд. Дар натичаи ин талошхо шуури худшиносиву ифтихори миллии  точикони Ӯзбакистон кам- кам баланд мешуд ва мардум аз точик будани худ ифтихор мекарданд. Ин раванд то соли 1992 давом кард.

Истиклоли Ӯзбакистон ва фишори дубора болои точикон

Баьди пош хӯрдани Иттиходи Шӯравӣ ва мустакил шудани Ӯзбакистон  фишор ва таькиби точикон  дубора огоз шуд. Он дастовард ва пешравихое, ки мо ноил шуда будем,

тайи 4-5 сол комилан аз даст рафт ва имкониятхо махдуд шуд. Барои то ба ин дарача далеру нотарс ва панча дароз кардани Хукумати Ӯзбакистон болои точикон чанги хонумонсӯзи шахрвандии Точикистон накши бузург бозид. Хукумат аз телевизион ва рӯзномахо истифода намуда мегуфт: «Бубинед, точиконро чӣ кор карда истодаанд!». Хукумат созмони точиконро расман баст. Аьзои фаъоли онро зери фишору таькиб карор дод ва аз чойи корашон берун ронд. Бисёрихо мачбур шуданд фаолияташонро катъ кунанд ва ё ба хорича баромада раванд. Зеро хукумат на танхо фаъолонро, балки аьзои оила ва хешовандони онхоро тарсонида ва таькиб мекард. Панӯзбакхо тахти сарварии пешвоёни худ озодона рафтор мекарданд. Онхо дар идорахои давлатӣ аз номи падару модари донишчӯён имзо ташкил намуда, гуё «ихтиёрӣ» фарзандонро ба мактабхои таълимашон ба забони ӯзбакӣ медоданд. Ягона фокултаи забон ва адабиёти точик дар Самарканд баста шуд. Ягона «Точиккитоб»-ро, ки аз Точикистон таьмин мешуд ва он барои бедории точикон хеле мухим буд , аз байн бардоштанд. Мактабхои точикиро аз синфи 1 то 7 бастанд. Тасаввур бикунед, ки донишчӯе 7 сол точикӣ хонда, якбора ба синфи 8-и ӯзбакӣ меравад! Ӯ чиро ёд мегирад ва дар оянда чӣ мешавад? Ин раванд то хол идома дорад. Аз ин дахшати ӯзбаккунии точикон ягон мамлакати демократии Гарб ва Осиё, созмонхои дифоъ аз хукуки башари ватаниву байналмилалӣ ва давлатхои хамзабон барои хакку хукуки точикон садо баланд накарданд. Мо борхо ба онхо мурочиат карда будем, вале садои моро хеч кас намешунавид. Гӯё мо ба санг харф мезанем. Мардуми точики Ӯзбакистон дардашро ба кӣ гӯяд? Холо аксарияти точикон аз ватан дур рафта, дар хорича кору зиндагӣ доранд. Онхоро сари хар кадам дар Россия, Амрико, Казокистон, Корея ва баьзе дигар кишвархои Аврупо метавон дид. Давлати Ӯзбакистон хадафмандона точиконро аз шахрхо дур намуда истодааст ва як раванди точикбадбинӣ давом дорад. Тамоми рохбарону корбарони шахру нохияхоро, ки точик хастанд аз кор гирифта, бо чои онхо ӯзбакхоро таъин намуда истодаанд. Хамаи сохторхои давлатӣ, аз чумла, додгох, умури дохила, тиб, маориф, идорахои газу обу барк ба дасти ӯзбакхо гузашт. Шумори зиёди точикон бе кор монданд. Масалан, як ӯзбакро дар як идораи давлатӣ рохбар таъин мекунанд. Ӯ тайи 2-3 мох тамоми кормандони точикашро аз кор бо хар хел далелхои бофтаю сохта аз кор меронад. Ин раванд хамоно идома дорад. Шумо ба кӣ мурочиат кунед, он бенатича мемонад. Зеро дар боло хама одамони худашон нишастаанд ва сиёсати нохо точикситезӣ мебошад.Тамоми сохибкорони точикро бо хар хел иттихомоти бофтаю бардурӯг ба зиндон меандозанд. Ин аст, ки сохибкорони зиёде аз кишвар баромада рафтанд. Бизнеси онхоро бешармона зада мегиранд. Масалан, дар Самарканд давлат натавонист низоми хидматрасонии таксиро ба рох бимонад. Онро точикон ташкил намуда, хар рӯз пулу андози зиёде ба хазинаи давлату давлатдорон меандохтанд. Мардум аз кори ронандагон розӣ буданд. Вале давлат дар як рӯз хамаи инро гайриконунӣ эьлон намуда, худаш афтобусхоро ба кор даровард. Аммо ин мушкили мардумро хал накард. Дар натича 15 хазор нафар, ки аксарияташон точиконанд, бекор монданд. Баьд мо инро шунидем, ки ин автобусхо мутааллик ба як вазири хукумат будааст. Бубинед сиёсатро, ки дар он хам худи давлат ва хам мардум зарар дид. Як шахс корхона бунёд мекунад, маблаггузорӣ намуда, онро ба по истод ва чанд касро бо кор таьмин мекунад. Баьди муддате ягон нафар хешованди корманди идораи давлатӣ, ки миллаташ ӯзбак мебошад, ба ин корхона чашм ало мекунад. Бо мадади хешовандони дар курсихои боло нишастааш тафтиш тайёр намуда, баъдан коргохро аз дасти сохибаш чабран кашида мегиранд.

Муаллиф: Ахрони Самаркандӣ
10.01.2016 09:26

Беш аз 3 миллион точики ӯзбакистонӣ дар чустучӯи кор тарки Ватан кардаанд

Бо мурури замон, тафаккури худомӯзию худтаъминкунӣ , бех намудани ахволи зиндагӣ тавассути захмати хеш миёни точикони Ӯзбакистону Афгонистону Точикистон идома дорад. Мардуми точик шароити хуби зиндагӣ доштанду доранд. Зеро дар гузашта Самарканду Бухоро маркази илму фарханг ва тичорату бозаргонӣ буд. Ин омил накш ва таьсири худро ба мардуми ин вилоятхо гузоштааст. Холо дар расонахо аз он харф мезананд, ки Ӯзбакистон як мамлакати бой ва шароити зиндагиаш хуб аст ва мисол меоранд точикони ин чоро. На! Дар Ӯзбакистон кор нест ва ёфтани он мушкил аст. Беш аз 3.000000 млн. точики ӯзбакистонӣ ба хоричи кишвар рафта, кор карда, пул оварда истодаанд. Онхо ба давлати худ ва хам барои оилаи худ нафъи бисёр меоваранд. Точикон таърихан одат кардаанд, то дар шароити хуб зиндагӣ кунанд. Онхо кӯшиш мекунанд, имрӯз хам чунин бошанд. Олиму мутахассисоне, ки лаёкату истеъдоди бузург доранд , барои точик буданашон аз корхои хуб бо хар гуна бахона аз кор ронда мешаванд. Инро дар мисоли олимону ходимони тиб ва дигар сохахо дидан мумкин аст. 95 дар сади хатмкунандагони донишгоху донишкадахоро донишчӯёни ӯзбак ташкил медиханд. Онхо баьди хатм, албатта, чои точиконро мегиранд. Харчанд лаёкати корӣ надоранд. Холо аксарияти олимону мутахассисон мачбур хастанд барои пайдо кардани як бурда нон ба хоричи кишвар бираванд. Онхоеро, ки дар хорича будаанд, баъди бозгашт ба холи худ намегузоранд. Ба Хадамоти амнияти миллӣ ва ё додситонӣ даьват намуда, аз онхо баёнот мегиранд, ки бо кадом ташкилотхо ва созмонхои точикон хамкорӣ карда, бо кадом шахсиятхо мулокот намудаанд. Шахрвандонеро, ки шиносномаашонро точик кардаанд , ба кор намегиранд. Аксарият мачбуран боз дар паспорташон худро ӯзбак навишта истодаанд . Вагарна, аз тест намегузаранд. Точиконе, ки дар идорахои давлатӣ ва махаллӣ кор мекунанд, дар паспорт ӯзбак навишта шудаанд. Онхо хамеша чон ба каф гирифта мегарданд. Метарсанд, ки мабодо аз кор ронда нашаванд. Панӯзбакхо хам аз онон барои пахш кардани хуввияту худшиносии точикон истифода мебаранд. Ин хел шахсон чӣ кадар барои хочагони худ хизмат кунанд, хамоно дар пешонаашон точик навиштаанд. Чашми пантуркистхо онхоро хуб мебинад ва мешиносад. Касеро, ки донишгоххои Точикистонро хатм кардааст, ба кор намегиранд. Инро Хадамоти амнияти миллӣ зери назорат дорад. Хар касеро, ки дар Точикистон кору зиндагӣ кардааст, вале зодаи Ӯзбакистон мебошад, гайриконунӣ ва бешармона, ба кайди шахрвандӣ намегиранд. Ин шахсон то холо, пас аз 20-25 сол хам наметавонанд, шахрвандии Ӯзбакистонро бигиранд. Хатмкунандахои синфхои камшумори точикӣ холо хукуки имтихон супориданро барои дохил шудан ба донишгох ва донишкада надоранд. Чунки тестхо ба забони точикӣ нест. Холо дар Ӯзбакистон тахсили 10 ва 11-соларо бархам додаанд. Ба чои он донишчӯ баьд аз хатми синфи 9 хатман бояд ба литсей ва ё коллеч равад. Баьди хатми он ба донишгох. Аммо дар Ӯзбакистон литсей ва коллече ба забони точикӣ нест. Хукумат азми кушодани онхоро надорад. Донишчӯе, ки 9 сол точикӣ хондааст, чӣ тавр дар 2-3 сол забони ӯзбакиро меомӯзад?

Аз ин рӯ, дохил шудани чавонони точик ба донишгоххо басо мушкил аст. Чанд мактабу синф ва гуруххои бокимондаи точикӣ аз ин мушкилию сарсонӣ дархои худро баста истодаанд. Падару модарон мачбуран фарзандонро ба мактаби ӯзбакӣ дода истодаанд. Ин амал баробар бо дасти худаш куштани точик аст. Пас точикон дар ин гуна шароит чӣ тавр кору зиндагӣ намуда, илм омӯзанд?!. Чавононе, ки бо забони ӯзбакӣ хондаанд, шуури худшиносиашон нихоят паст аст. Онхо таьрихи миллати бегонаро меомӯзанд, хар рӯз радио ва телевизиони ӯзбакиро мешунаванд, сурудхои ӯзбакиро гӯш мекунанд. Пас ин чавонон чӣ тавр худшинос шаванд? Онхо чун шахрванди бефарк, бемиллат ва бетафаккур ба воя мерасанд. Дар магзи онхо чуз фикри пулёбӣ, зангирӣ, хонасозӣ дигар чизе нест. Бо ин хол шояд баьди 15-20 сол миллати точик тамоман аз байн биравад. Точикон бо маблаги худ дар шахри Самарканд пайкараи 5- метрии асосгузори адабиёти порсу точик Рӯдакии Самаркандиро бо кӯмаки пайкарасоз Шахриёр Мухторов сохта дар Регистон гузошта буданд. Вале соли 2008 хукумат бо далели васеъ кардани майдон бидуни маслихату машварат бо касе, пайкараи биринчии Рӯдакиро канд ва дар як гӯшаи дигари шахр нимпайкараи гачии ӯро сохта гузошт. Пайкараи биринчӣ чӣ шуд, хеч кас намедонад. Хамон сол шабона нафароне ба хона- музеи падари хештаншиносии миллати точик Садриддин Айнӣ даромада, тамоми ашёи онро ба мошин бор намуда, хостанд бо булдозер музейро вайрон кунанд. Мардуми миллатдӯст нагзоштанд, ки панӯзбакхо ин биноро нест кунанд. Вале онхо тавонистанд нимпайкараи устодро, ки назди бино буд , харобу вайрон созанд. Ин чӣ вахшигарӣ ва бедодгарие буд, ки нисбати точикон раво диданд!?.Ба шахрхои точикнишин махсус ва мачбуран ӯзбаконро кӯчонда истодаанд. Ин ба хотири зиёд кардани шумораи онхост. Бисёр гузару махалхои точикнишинро бо бахонаи ободӣ ва азнавсозӣ вайрон карда, дар ин махалхо богу гулгашт барпо менамоянд. Мардуми шахрро мачбурӣ ба дехот кӯчонида истодаанд. Хукумати Ӯзбакистон сиёсати точиккушии худро аз Самарканду Бухоро сар кард. Зеро ин ду шахр силсилачунбони тамоми точикони Ӯзбакистон ва дунё мебошанд. Дар шахру вилояти Бухоро панӯзбакхо кариб ба максади худ расиданд. Холо дар Бухоро ягон синф ва мактаби точикӣ мавчуд нест. Мардум аз тарсу харос дар идораву кӯчахо бо забони ӯзбакӣ харф мезананд ва «мо ӯзбек» мегӯянд. Дар Самарканд, ки донишкадахои точикӣ ин чо буд, ин чараён камтар аст. Мардум холо точик будани худро эхсос мекунад ва дар хама чо точикӣ харф мезанад. Вале агар сиёсати точикбадбинӣ идома ёбад, вазъ боз хам бадтар мешавад. Холо дар нохияхои дурдасти точикнишин ягон-ягон синфу мактабхои точикӣ бокӣ мондаанд. Вале хонандагони он баьди хатми мактаб оянда надоранд. Ба забони точикӣ донишгоххо нест. Хукумат хамаашро баст. Ин мактабхо бо хохиши худи падару модари талабагон ба ӯзбакӣ мегузарад. Хукумат бо як тир ду нишон мезанад. Зеро чун Самарканду Бухоро, шахрхои бостонии точикон ва гахвораи тамаддуни мо забону фарханги худро гум кунад, дигар махалхои точикнишин худ ба худ нест мешаванд ва мардум ба ӯзбак мубаддал мешавад. Рафту омад ва робита бо Точикистон беш аз 20 сол аст, ки вучуд надорад. Зеро Ӯзбакистон виза чорӣ намуд ва ин ду давлат холо бо хам душман мебошанд. Катъи робита зарбаи сахте барои рушди точикони Ӯзбакистон мебошад.Хукумати Точикистон хам имконият ва хохиши хал кардани мушкилоти точикони Ӯзбакистонро надорад, чунки тавоноии давлат ва мардуми он аз чихати иктисодиву фархангӣ махдуд аст. Бо ин фахмишу давлатдорӣ гумон аст давлати точикон пеш равад. Зеро ба хеч давлате

таьсире расонида наметавонад. Холо точикони чугрофиашон бурунмарзӣ, ки шахрванди хамин кишвар мебошанд ва хиссаи бузурги худро барои бунёди ин давлат гузоштаанд, аз дасти махалгарохо азият дида, тахкир мешаванд. Онхо дар корхои давлатӣ такрибан нестанд . Давлат бояд ин нерӯро ба кор андозад. На барои курсиву мансаб, балки барои миллату давлат. Точикони берунмарзӣ аз ин корхо барои миллат шояд дилгарм шаванд. Мардуми точики мукими Ӯзбакистон холо дарк карда истодааст, ки ӯ ба хеч кадом давлати хамхун даркор нест. Баьзе рӯзномаnигору олимон ба тарафи мо санг хаво дода , моро «мурдаи сиёсӣ» эьлон мекунанд. Онхо бехабар аз гунохи худу давлаташон хастанд, ки кӯшише барои дифоъи мо накардаанд. Даъвохои «Самарканду Бухороро мо ба Точикистон хамрох мекунем! Иншоллох мегирем!» даъвохои хому пуч буда, баръакс холи точикони Ӯзбакистонро бадтар карда истодаанд. Давлати Ирон бошад хостори хамкорӣ ва дастгирии миллату давлатхои шиамазхаб мебошад ва коре барои мададу дастгирии хамзабонону хамхунони худ намекунад. Дар Афгонистон бошад наздик ба 40 сол боз чанг идома дорад ва ахволи точикон дар он чо бисьёр нохуб аст. Вале ба хар хол точикони ин кишвар аз чихати сиёсӣ, забон ва фарханг холо имконияти пешрафт доранд. Дар байни онон як теъдод сиёсатмадорон, рахбарон ва пешвоён ба воя расидаанд, ки метавонанд миллатро аз чанголи душман халос намоянд. Умеди мо аз онхо хеле калон мебошад. Агар миллати точики Афгонистон аз доираи хурофотӣ гузашта рӯ ба тараккиёти замонавӣ биоварад, ба комёбихои калон ноил хохад гашт. Бубинед, афгонистонихо беш аз 200 сол ба ин тараф бо хоричихо барои мустакилияту озодии худ мубориза мебаранд…

Мо харчанд ба чанд давлатхои демократӣ, созмонхои хукуки башар ва ташкилотхои умумичахонӣ мурочиат кардем, вале онхо ба доди мо нарасиданд**.** Онхо ононеро дастгириву тарафдорӣ мекунанд, ки аз он чо пул дарёфт карда тавонанд ё дар он чо нафту газ бошад.

Дар оянда такдири точикони Ӯзбакистон чӣ мешавад? Он мардуме, ки хазорсолахо силсилачунбони илму фарханг, дину забон ва давлатдории тамоми точикон ва форсизабонхои олам буданд, аз байн меравад?! Оё парвардигор моро барои ин корамон мебахшида бошад? Харгиз не!. Пас чӣ бояд кард, то точикони Ӯзбакистон забону фарханг ва худшиносии миллии худро аз даст надиханд? Бояд се давлати форсизабон: Эрон, Афгонистон ва Точикистон бо дастгирии точикони Ӯзбакистон ин масъаларо чиддӣ баррасӣ намуда, ба Ӯзбакистон ва созмонхои байналмилалӣ мурочиат намоянд. Онхо мушкили точикони Ӯзбакистонро бояд чиддан ба баррасӣ бигиранд. Барои ин кор комиссияи махсусе бояд таьсис дода шавад. Вакти он расидааст, ки тамоми точикони бедордили точикистонӣ, ӯзбакистонӣ ё афгонистонӣ даст ба дасти хам дода, як созмон, чамъият, харакат ё конгресси умумиточикиро бунёд намоянд ва хакку хукуки конунии точиконро дар хама гӯшаи олам, аз хукуматхои махаллӣ сар карда, то ба созмонхои байналмилалӣ талаб намоянд. Телевизион, радио, рӯзнома ва блоги интернетии худро таъсис намуда, ташвикотро барои бедорӣ, хештаншиносӣ ва худогохии мардум дар шахру нохияхо ба рох бимонанд. Мо агар бох

хам муттахиду якпорча бошем, метавонем бисёр мушкилоти мавчудаи миллатамон, аз чумла фалокати ба сари мо, точикони Ӯзбакистон омадаро низ халлу фасл карда, онхоро аз беху бун барканем. Чудоӣ ва аз хам гусастагӣ барои мо бояд бегона бошад ва ин панди Мавлонои бузургро дар гӯш бигирем:

Хар касе аз хамзабоне шуд чудо,

Бенаво шуд гарчи дорад сад наво.

Шумораи мактабхои точикӣ дар  соли хониши1990-91 дар шахру нохияхои вилояти Самарканд

-

Шахру нохияхо

Мактаби

пурра  точикӣ

Мактаби

ӯзбакӣ - точикӣ

Мактаби русӣ- точикӣ

Шахри Самарканд

3

10

3

Нохияи Самарканд

25

13

1

Нохияи Тайлок

-

2

2

Нохияи Ургут

5

1

-

Нохияи Нуробод

2

-

-

Нохияи Пастдаргам

-

1

-

Теъдоди мактабхои точикӣ  дар соли хониши 2008-2009

Шахру  нохияхо

Мактаби

комилан точикӣ

Мактаби

ӯзбакӣ- точикӣ

Мактаби

русӣ - тоҷикӣ

Шаҳри Самарқанд

-

4

-

Ноҳияи Самарқанд

2

34

1

Ноҳияи Тайлок

-

2

-

Нохияи Ургут

-

6

-

Нохияи Нуробод

2

-

-

| Нохияи Пастдаргам |
| --- |
| - |
| 2 |
| - |

Ин омори расида аз идораи маорифи вилояти Самарканд аст. Мукоиса кунед! Фарк аз замин то осмон аст! Он мактабхое, ки тахсилашон ӯзбакӣ ва точикӣ хаст, 2-3 синфи точикӣ доранд. Шояд ин рӯзхо хатто ин теъдоди кам ба холи нестӣ расида бошад?!.